# *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.***

Абдуллоҳи Ансорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун адиб, муҳаққиқ, муфассир ҷойгоҳи намоёнеро ишғол мекунад. Муҳаққиқони улуми адабӣ баъзе аз паҳлуҳои зиндагии адиб, осори насрии ӯро як андоза таҳқиқ намудаанд, вале масъалаи таҳқиқи интисоби ашъори ӯ, ки дар кори диссератсионии мазкур бори аввал дар шакли як пажӯҳиши алоҳида таълиф мегардад, басо мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки матолиби муқаддимотӣ тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш пайдарҳамии бобҳову фаслҳову зерфаслҳо аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 9 номгӯ ба қалам омада, ҳамаи онҳо масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввал, ки «Масъалаҳои интисоби ашъор ва заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дорад, аз ду фасл ва шаш зерфасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб бар асоси сарчашмаҳои илмиву адабӣ оид ба ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва тахаллусҳои ӯ, қайдҳои иддае аз тазкиранависон дар ин хусус дарҷ гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввал, ки «Заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ» унвон дорад, баҳс перомуни масъалаи заминаҳои шоиронагии каломи Абдуллоҳи Ансорӣ ба миён оварда, ба баррасии унсурҳои шоиронагии калом ва ба ташхис, дастабандии ашъори ӯ, ки яке аз ҳадафҳои асосии кори диссертатсионии мазкур мебошад, пардохтааст. Дар ин росто зерфаслҳои “Истеъдоди фитрӣ ва мутолиаи зиёд аз осори гузаштагон”, “Таъсири хонавода ва муҳити фарҳангии замон”, нуктаҳое мебошанд, ки шахсияти Ансориро ҳамчун шоир, назарияпардоз, муфассир ва муҳаддис маълум кардааст.

Боби дуюм – «Мундариҷаи ғоявии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, аз се фасл ва се зерфасл иборат мебошад, ки онро аз лиҳози пурборӣ шартан боби меҳварии рисола метавон номид. Дар фасли аввали боби мазкур – «Ҳаҷми ашъор ва табақабандии онҳо ба анвои адабӣ» фарогири шумораи ашъоре мебошанд, ки дар шаклҳои гуногуни шеърӣ иншо шуда, дар баробари ин, аз лиҳози вазни шеърӣ гуногунсохтор мебошанд.

Фасли дуюми боби дуюм «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёт» ном дорад. Дар ин фасл муаллифи автореферат таъкид мекунад, ки Ансорӣ иншои ашъораш кӯшидааст то «мазомину маонии ирфонӣ аз чаҳорчӯби шариат берун набарояд» [диссертатсия, с.18].

Фасли сеюми боби дуюм «Мазмун ва муҳтавои рубоиёт» унвон гирифта, онҳо аз рӯйи мазмун ва муҳтаво ба рубоиёти ошиқонаву орифона ва рубоиёти муноҷотию мавъизавӣ раддабандӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ» ном дошта, шомили чор фасл мебошад. Дар фасли аввали он – «Хусусиятҳои забон ва сабки баён» унвон дорад ва дар он ба шеъри шоир аз назари забон баҳо дода шудааст.

Мундариҷаи фасли дуюм – «Авзони шеър» бозгӯйи он аст, ки дар ашъори шоир вазнҳои шеърӣ ҷи мавқеъ доранд. Дар ин фасл муаллифи автореферат бо такя ба маълумоти дастрас муайян кардааст, ки аз Абдуллоҳи Ансорӣ чилу панҷ ғазал, дусаду ҳабдаҳ рубоӣ, ҳаждаҳ фард, ҳашт қитъа, дувоздаҳ маснавӣ ба мерос мондааст, ки ҳамаи онҳо дар авзони хуби арӯзӣ суруда шудаанд.

Фасли сеюм – «Қофия ва радиф» бар асоси ашъори шоир таҳиягардида, навъҳои қофияро бозгӯ менамояд. Дар ин зерфасл муаллиф аз равиши таҳқиқи оморӣ ба таври кофӣ истифода намуда, роҷеъ ба тарзи қофиябандии ҳамаи анвои шеърии дастрас мисолҳои мушаххас оварда, дар баробари ин, навъҳои қофия ва шумораи онҳоро мушаххас намудааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия шомили 20 банд буда, дар ҳар як банд кӯшиш рафтааст, ки муҳтавои асосии фаслҳои се боб дар шакли натиҷагириҳои дуруст ба қалам оянд. Аз банди 1 то банди 4 асосан чеҳраи адабии Абдуллоҳи Ансорӣ, рубоиёти сайёр ва сӯфиёна, заминаҳои шоиронагии ӯ натиҷагирӣ шуда, дар бандҳои 5-8 хулосаи таҳқиқи омории ашъори шоир бо дарназардошти анвои шеърӣ, насри мусаҷҷаъ, овардани шеър дар дохили наср инъикос ёфтааст. Бандҳои 9 то 17 андешаҳои диссертант дар бораи аҳаммияти анвои шеърӣ, сабк, вазн ва истиқлоли адабӣ ҷамъбаст гардидааст.

Баъд аз хулоса дар қисмати охири автореферат чун анъана бахши «Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ» ва «Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия» ҷой дода шудааст, ки муҳтавои авторефератро пурра мегардонанд.

Матни тарҷимаи русии авторефарати мазкур бо матни тоҷикии он пурра мувофиқат мекунад.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нуқоти кори таҳқиқӣ ба назар гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

1. Дар матолиби муқаддимотӣ дар қисмати «Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ» хуб мебуд, ягон барнома ё дурнамои таълимиву адабӣ мушаххасан нишон дода мешуд.

2. Дуруст аст, ки дар услуби илмӣ овардани истилоҳоти соҳавӣ, ибораҳои мураккаббаён роиҷ аст. Вале хуб мебуд, муаллиф дар таҳияи автореферати мазкур аз баъзе ҷамъбандиҳои арабӣ даст мекашид (давовин, расоил, машоих, мазомин, аносир ва ғ.). Зеро роҳҳои дигари ифодаи ҷамъи ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ мавҷуданд.

3. Хуб мебуд дар мавридҳои зарурӣ дар «Қисми асосии таҳқиқ» барои исботи пурраи далелҳои овардашуда намунаҳои шеъри шоир пурратар оварда мешуданд [диссертатсия, с.11, с.12, с.15, с.17].

4. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ба назар гирифта нашудааст. Чунончи: с. 12, 13, 18, 21.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,
17/6. Тел.: +992 209 39 91 91; 232 50 09;
Факс: +992 232 50 09
E-mail: gadozodam19@mail.ru
«27» декабри соли 2024. Гадозода М.Д.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ ба
номи Сотим Улуғзода
734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев,
17/6. Тел.: +992372325029; 232 50 00;
Факс: +992372325003
Сомона: www.ddzt.tj E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«27» декабри соли 2024. Халифаев Ф.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС